*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

28 апрели соли 2023

№ 8-9 (177-178)

## КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ – АМАЛӢ

**24 – уми апрели соли 2023 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба ҳафтаи илм ҷаласаи ифтитоҳии конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзӯи "Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" баргузор гардид.**



Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Ғаффоров Абдулазиз Абдулҳофизович меҳмононро хайрамақдам гуфта ба кори конференсия барору комёбӣ орзу намуд ва суханро барои қироати маърӯзаи ифтитоҳии ректори ДТТ ба муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ ва масоили иҷтимоии донишгоҳ Бобоев Ҳаёл Бобоевич во гузошт.

Ҳаёл Бобоевич аз ҷумла қайд намуд, ки мароми асосии чорабинии мазкур, ин пеш аз ҳама, амалисозиву омодагии ҳамаҷониба ҷиҳати расидан ба масъалагузориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳадафи чоруми миллӣ, яъне "Саноатикунонии босуръати кишвар" ва амалигардонии ҳадафи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" мебошад.

Бинобар ин, конференсияи имрӯза ба олимон, муҳаққиқон, омӯзгорон, аспирантону унвонҷӯён ва дигар шахсоне, ки дар кори ин ҳамоиши илмӣ иштирок доранд, имконият фароҳам меоварад, ки дар самтҳои рушди технологияҳои саноати сабук, саноатикунонии кишвар дар саноати хӯрокворӣ, саҳм ва ҷойгоҳи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ дар самти сармоягузории давлат дар шароити рушди босуръати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина омода намудани мутахассисони соҳа дар шароити рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аҳамияти маънавӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии саноатикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода менамоянд, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад карда, фикру ақидаҳои хешро иброз намоянд.

Сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ниёзи Сироҷиддин зимни суханронӣ баргузории ҷунин як конференсияи бонуфузро доир ба "Саноатикунонии босуръати кишвар" ва амалигардонии ҳадафи "Бистсолаи омӯзиш ва




рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" бахшида ба ҳафтаи илм муҳим ва иқдоми самаранок арзёбӣ намуд.

Дар идомаи конференсияи илмӣ директори филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара Холикзода Музаффар дар бораи проблемаҳое, ки дар саноатикунонии босуръати ҷумҳурӣ ҷой доранд, ҳарф зада, андешаҳояшро роҷеъ ба ҳалли масоили зикргардида баён намуд.

Мувофиқи барномаи конференсия дар ҷаласаи ифтитоҳӣ гузоришҳои илмии номзади илмҳои химия, дотсент Қ.Мирзораҳимов дар мавзӯи "Иловагиҳои ғизоӣ дар асоси ашёи хоми растанӣ", номзади илмҳои техникӣ, дотсент З. Яминзода "Экологически ориентированные технологии отделки натуральных тканей" ва номзади илмҳои фалсафа, дотсент И. Шарифзода дар мавзӯи "Рушди илмҳои табиию риёзӣ - омили асосии пешбарандаи ҷомеа", ки ҷолибу пурмазмун буданд, мавриди таҳлилу баррасӣ ва баҳсҳои илмӣ қарор гирифтанд.

Рӯзи 25 – уми апрел конференсия кори худро дар бахшҳои зерин идома бахшид:

1. Таълим, илм ва истеҳсолот дар шароити саноатикунонии босуръати соҳаи хӯрокаи кишвар (13 маърӯза).
2. Татбиқи барномаи давлатии "Рушди соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" - асоси рушди иқтисодии мамлакат дар раванди амалишавии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" (14 маърӯза).
3. Нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ (19 маърӯза).
4. Ташаккули иқтидори саноатии миллӣ: омилҳои дохилӣ ва берунӣ (34 маърӯза).
5. Аҳамияти сиёсӣ-иҷтимоии эълон гардидани "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар (30 маърӯза).

Дар маҷмӯъ дар панҷ бахши конференсия 110 маърӯзаи илмии омӯзгорон ва олимону муҳаққиқони соҳаҳои гуногун мавриди таҳлил ва баҳсҳои муфиди илмӣ қарор гирифтанд.

**А. ҲАСАНОВ,**
**Р. МАСЪУД**



## САЙРИ ГУЛИ ЛОЛА

Бо мақсади баланд бардоштани завқи зебоипарастӣ, алоқамандӣ ба табиат ва оммавӣ кардани анъанаҳои миллӣ дар боғи Фирдавсии ноҳияи Фирдавсӣ Фестивали гулҳо таҳти унвони "Сайри гули лола" баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иштироки фаъолона доштанд.

# БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ПОЙТАХТ

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” аз якуми марти соли 2005 инҷониб ҳамасола шанбеи сеюми моҳи апрел дар кишвари маҳбубамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол Рӯзи пойтахт дар сатҳи баланд таҷлил ва дар доираи он дар боғҳои фарҳангу фароғатии шаҳри Душанбе базмҳои идона, нишасту ҷамъомадҳо ва дигар чорабиниҳои гуногуни фарҳангию варзишӣ баргузор мегарданд.

Бояд гуфт, ки Рӯзи пойтахт имсол ба 15 – уми апрел рост омад ва яке аз чорабиниҳои муҳимми он баргузор намудани Ниммарафони XIII байналмилалии Душанбе буд, ки дар он омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолона ширкат намуданд.




# ҲИФЗИ ПИРЯХҲО - ОМИЛИ МУҲИМИ НИГОҲДОРИИ МАНБАИ АСОСИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ




Рӯзи 31 – уми марти соли 2023 дар толори конференсияҳои онлайнии китобхонаи илмии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба эълон гардидани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва санаи 21 – уми март ҳамчун рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи



«Ҳифзи пиряхҳо - омили муҳими нигоҳдории манбаи асосии захираҳои об» бо иштироки олимон, омӯзгорон, докторантон, унвонҷӯён магистрантон ва донишҷӯёни донишгоҳ гузаронида шуд.

Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Абдулазиз Ғаффоров зимни сухани ифтитоҳӣ меҳмонон, омӯзгорон, олимон ва муҳаққиқонро ҷиҳати иштирок дар конференсия хайрамақдам гуфта, қайд намуд, ки захираҳои пиряхҳо омили муҳими ҳифзи нигаҳдории захираҳои обӣ ба шумор мераванд. Дар робита ба ин, - гуфт ӯ, - баргузории конференсияи имрӯза ва маърӯзаҳои олимону муҳаққиқон барои амалигардонии ин ҳадаф такконе хоҳад бахшид.

Тибқи барномаи конференсия аз ҷониби омӯзгорон 6 гузориши илмӣ пешниҳод гардид, ки ҷолибу пурмазмун буда, мавриди мубоҳисаҳои илмӣ қарор гирифтанд. Гузоришҳои илмии муовини директор оид ба илми муассисаи давлатии илмии Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) Ф.Х.Насруллоев дар мавзӯи «Тоҷикистон – пешоҳанги масоили ҳифзи пиряхҳо дар ҷаҳон», н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи система ва технологияҳои иттилоотӣ Олимҷонзода Уктам Олимҷон дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди иқтисоди сабз дар минтақа ҳамчун омили нигоҳдории захираҳои об», муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идора Ашурова Нодирабегим Эркиновна дар мавзӯи «Ледники - как основной источник водных ресурсов: пути сохранения процесса таяния ледников Республики Таджикистан», гузориши илмии н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идора Давлатова Мехрангез Меликовна дар мавзӯи «Ҳифзи пиряхҳо яке аз воситаҳои пешгирии мушкилоти вобаста ба об», гузориши илмии докторанти PhD курси 2-юм Хоҷаева Нурбибӣ



Ҳикматуллоевна дар мавзӯи «Экотуризм и Таджикистан», гузориши илмии докторанти PhD курси 2-юм Назруллаева Аниса Абдуллаевна дар мавзӯи «Оценка и прогнозирование атмосферных осадков в бассейне реки Кафарниган» аз ҳамин қабил буданд.



Маърӯзачиён дар гузоришҳои илмии худ дар бораи пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардидани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, дар бораи пайдоиши пиряхҳо, яке аз манбаъҳои асосии обӣ дар тамоми кишварҳо ба шумор рафтани пиряхҳо, дар бораи пиряхҳои дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда, пиряхҳои баландкӯҳӣ будани қисми зиёди пиряхҳои Тоҷикистон, дар бораи обшавии бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ – пиряхи Федченко дар Тоҷикистон, таъсири гармшавии глобалӣ ба пиряхҳо ва ҳифзи онҳо, захираи асосии оби соф ба ҳисоб рафтани пиряхҳо, манбаи бузурги истеҳсоли неруи барқ будани об, дар бораи “иқтисодиёти сабз” маълумоти муфассал доданд.

Дар хотимаи конференсия маърӯзачиён ба саволҳои аҳли толор ҷавобҳои қаноаткунанда доданд.

**А. ҲАСАНОВ,**
**мудири шуъбаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ ва педагогӣ**

# ЛИБОСИ МИЛЛИИ МО НИШОН АЗ ФАРҲАНГИ МОСТ

Чи тавре ки сухан ифодагари маданияти инсон аст, либоспӯшӣ низ таҷассумгари фарҳанги миллии мост. Халқи тоҷик, ки аз азал фарҳанги бою ғанӣ дорад, одоби либоспӯшии ин миллати ботамаддун шаҳомату манзалати худро гум накардааст. Тоҷикон фарҳанги ба худ хос доранд, ҳамеша анъанаҳои миллиро пос медоранд ва метавон гуфт, ки фарҳанги либоспӯшӣ ифодаи муҳаббат ва эҳтироми миллат аст.

Таърих гувоҳ аст, ки зан ва модари тоҷик дар ҳама давру замон посдори оину анъанаҳои муқаддаси миллат буд ва яке аз нишонаҳои асосии фарҳангу тамаддуни миллати тоҷик либоси миллӣ ба ҳисоб мерафт. Вақте сухан аз либоси миллӣ меравад, пеши назар симои занон бо сарулибоси хосаи зебо пеши рӯ меояд, ки ба ҳусни зани тоҷик ҳусну таровати хоса зам менамояд ва беҳуда занро олиҳаи ҳусн намегӯянд. Вале мутаассифона, вақтҳои охир тамоюли бегонапарастӣ ва ба фарҳанги бегона майл намудани бархе аз занону духтарон ба як вазъи ташвишовар табдил ёфтааст.

Ҳисси бегонапарастӣ ва тақлидкорӣ дар мавриди сару либос ва рафтору гуфтор дар байни занону духтарон метавонад ба устувории рукнҳои фарҳанги миллӣ таъсири манфӣ расонад. Агар иддае ба хотири тақлид ба ин тарзи либоспӯшӣ завқ пайдо карда бошанд, баъзеҳо бо мақсади таблиғи ақидаҳои таҳмилӣ ин либосро миёни занону духтарони мо паҳн карда, мехоҳанд, ки дар кишвар боз як ҷараёни нави ифротиро ҷорӣ намоянд. Ин падидаи зишт қариб дар ҳамаи зинаҳои синну сол реша давондааст.



Миллати тоҷик ки таърихи бою қадима ва урфу одатҳои шоиста дорад, дар асри ҷадид толеи басо баланд ба ӯ ёр гардида, тахти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҷдиди сиёсати давлатдорӣ ва арҷгузорӣ ба беҳтарин анъанаҳои милливу фарҳангӣ кӯшиш ба харҷ дода, баҳри пойдории ғояҳои демократии сиёсату давлатдорӣ ва рушди фарҳанги миллӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.



Дар чанде аз суханрониҳои Пешвои миллат ин маъниҳоро дарёфт кардан мумкин аст ки, фарҳанги миллӣ аз зумраи рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ва пояи устувори маънавиёт буда, ҳифз ва ба ояндагон мерос гузоштани он аз вазифаҳои муҳимми давлат ва тамоми шаҳрвандон махсуб меёбад. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки солҳои охир тахти таъсири шабакаҳои интернетӣ ва гурӯҳҳои алоҳида дар байни занону духтарони тоҷик зуҳуроти тақлидкорӣ ба фарҳанги либоспӯшии бегона ба назар мерасад. Ин тоифа бонувон ба тақлиди кӯркӯрона дода шуда, рукнҳои ислому диндориро на дар ботин, балки дар зоҳири худ ба намоиш гузоштаанд.

Махсусан, ин нукта аз ҷониби Пешвои миллат дуруст таъкид гардид: "Моро зарур аст, ки ба зуҳуроти нангини бегонапарастӣ ҳарчи зудтар хотима бахшида, сару либосҳои миллии духтарону бонувонро бештар тарғиб намоем, пеши роҳи тақлиду таассуб ва зоҳирпарастиро гирем ва дар миёни занону бонувон корҳои фаҳмондадиҳиро вусъат бахшем".

Дар ҳақиқат, шумораи ҳазорони "сиёҳпӯш", теъдоди тоҷикдухтарони ҳиҷобпӯше, ки низ дар шакли тангу кӯтоҳ ва хеле ношинам либоси аҷнабиёнро ба бар кардаанд, зиёд шудааст. Модоме ки либоси миллии мо нишон аз фарҳанги мост, пас, биёед, фарҳанги миллиро бо тақлидҳои кӯркӯрона ба бегонагон, фасод насозем ва онро ба ояндагон ба мерос гузорем. Умед бар он мекунем, ки корхонаҳои тавлидотии кишвар дар истеҳсоли матоъҳои хушсифату дастрас саҳми бештар дошта бошанд ва бо истифода аз ҳунару истеъдоди ҳунармандони касбии ватанӣ бозори истеъмолии кишварро бо молу матоъҳои рвқобатпазиру бозоргир ҳарчи бештар таъмин намоянд.

# ҲАДАФ: ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР РӮҲИЯИ ВАТАНДӮСТӢ

**Ҳар як инсони соҳибфарҳанг бояд таъриху тамаддуни халқу сарзаминашро аниқу муфассал донад ва ифтихор аз миллату таърихи гузашта дошта бошад. Шахсе, ки гузаштаи худро намедонад асири фарҳангу маданияти дигарон мегардад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ин суханони шаҳдборро аз забони Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо шунидаем. Сарчашмаҳои хаттӣ ҳамчун далели боэътимоди таърихӣ хизмат карда, роҳи тайнамудаи гузаштагони моро возеҳу равшан мегардонанд.

Талаботи як катор ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва қонунҳои ҷумҳурӣ, аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъд аз муассисаҳои олии касбӣ», «Дар бораи ҷавонон», «Дар бораи тандурустӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия», «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳар як фарди ҷомеаро водор месозад, ки ба тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ диҳанд чунки онҳо ба дастовардҳои илму техника, маданияту фарҳанг, маориф, анъанаҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ аз наздик ошно гарданд.

Дар навбати худ эшон таванд, ки фарҳангу маданияти ғании мардуми моро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ созанд. Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни таълим ва пеш аз ҳама, корҳои тарбиявӣ, тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ, зебопарастӣ, ҷисмонӣ, экологӣ, иқтисодӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, худшиносӣ ва ғайра бояд эътибор дод.

Аслан тарбия ин раванди доимӣ буда, ибтидои он назар ба ақидаи мутафаккири бузург Абуалӣ Ибни Сино, аз батни модар оғоз меёбад. Дар таълимоти равоншиносӣ то солҳои охир оғози тарбияро аз оила медонистанд. Аммо тадқиқоти илмии солҳои минбаъда собит намуданд, ки ҳақиқатан ҳам тарбия аз батни модар, саломатии ӯ ба риояи намудани речаи хӯрок, истироҳат, ҳолати рӯҳӣ ва вазъи саломатии модар вобаста аст. Агар падару модар дар синни хурдӣ кӯдаконашонро тарбия надиҳанд, онҳо дар калонсолӣ дучори мушкилиҳои зиёде мегарданд. Мақсади асосии тарбияи ҳамаҷониба инкишоф додани маърифат ва маданияти мактабиён ва самаранок истифода бурдани вақти холигии онҳост.

Корҳои таълимӣ бошад, ҳамон вақт самараи дилхоҳ медиҳанд, ки омӯзгорони муассисаҳои мактабҳои миёна, олӣ, олии касбӣ, ташкилотҳо роҳу равиш ва дигар усули гуногуни тарбияро ба хубӣ дониста якҷоя амал намоянд.

Дар асл, ҳар як фарди ҷомеа дорои ду хислат мебошад- нек (хайр), бад (шар) мегӯяд, номзади илмҳои филология Сайфулло Маҳкамов. Аз ин рӯ, ҳар як фарди бузургро мебояд, дар тарбияи насли наврас ҳисси миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба муқаддасоти милӣ ва ифтихори миллиро омӯзонанд. Дар баробари ин, барои ҳалли масъала аз китобу дастур ва рисолаҳои бузургон мисли ашъори Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, "Пирӯзнома"-и Сино, «Рӯшноинома» ва Саодатнома»-и Носири Хусрав, "Қобуснома"-и Кайковус, "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ ва дигарон истифода баранд.

Тарбияи ҷавонони имрӯзаро бошад, дар сару либоси миллӣ ва фарҳанги тамаддунофари миллати тоҷик мебинанд. Масалан, вақте ки гулдухтарон пироҳани атлас ба бар менамоянд, боз ҳам ҷилваашон зеботару хубтар намоён мегардад. Ва ҳар кас ки ба гулдухтарони ҷаканпӯш ва атласпӯшу адраспӯш назар менамояд, дар қалбу рӯҳаш ҳисси ифтихор аз ин миллати тамаддунофар бештар мегардад.

**Рангҳои оразу пироҳани**
**гулдухтарон,**
**Рангҳои кишвари зебои озоди**
**ман аст.**
**Атласаш рангинкамони бахту**
**тахти бонувон,**
**Фарри миллат, ҳусни давлат,**
**хони ободи ман аст.**

Хуллас, мо ҷавононро саодатманди кишварро зарур аст, таълиму тарбияи дурустеро, ки волидон ва омӯзгорон ба мо медиҳанд дар амал татбиқ намуда, ҳамчун ватандӯсти ҳақиқӣ ба камол расем ва дигаранро низ дар рӯҳияи ватанпарастӣ, ифтихор аз миллату сарзамини биҳиштосоямон, ки онро ном Тоҷикистон аст, тарғибу ташвиқ намоем ва дар ободии шукуфоии он саҳми арзанда гузорем. Яъне мо ҷавонон бо кору фаъолияти пурсамари хеш собит созем, ки воқеан ҳам пайрави Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастем.

**Биё, эй ҳамватан, то ҷонфидои ин**
**Ватан бошем,**
**Ба ҷон омодаи ҳар як нидои ин**
**Ватан бошем.**
**Канораш гарму роҳатбахш чун**
**домони модарҳост,**
**Ҳама фарзандҳои бовафои ин**
**Ватан бошем.**
**Чунон бояд ватанхоҳӣ, чунон**
**бояд ватандорӣ,**
**Ватан аз мо ризо, мо ҳам ризои ин**
**Ватан бошем.**
**Худо нокарда, гар боди хазоне**
**мевазад сӯяш,**
**Мададгору шифобахшу давои ин**
**Ватан бошем.**

**Б. УМАРОВА, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони русӣ ва таҳсилоти касбӣ.**

# НИГИНИ КИШВАРИ МОӢ, ДУШАНБЕ

Пойтахти кишварамон – Душанбешаҳр, ки ба шарофати ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ имрӯз ба яке аз шаҳрҳои зеботарину пешрафтаи дунё табдил ёфтааст, воқеан ҳам шаҳри умеду орзуҳо, шаҳри гулҳо ва шаҳри боғҳо мансуб ёфта, ҳар рӯз ҳазорҳо нафар сокину меҳмонони дохиливу хориҷӣ аз ҷойҳои таърихӣ ва манзараҳои афсонавии ин куҳандиёр боздид ба амал меоранд.



Ҳақ ба ҷониби шоир, ки гуфтааст:

**Ту шаҳри гул ва гулҳоӣ, Душанбе,**
**Биҳишти рӯйи дунёӣ, Душанбе.**
**Дар олам шаҳр бисёр аст, аммо,**
**Ту беҳтар аз ҳама ҷойӣ, Душанбе.**
**Ту қалби меҳану халқи ман ҳастӣ,**
**Нигини кишвари моӣ, Душанбе.**
**Аҷаб шаҳре, ки дар домони гулҳо,**
**Гуворотар ба шабҳои, Душанбе.**
**Ба азми шаҳрдори ту аҳсан,**
**Ки ӯ бинмуд эҳёи Душанбе.**

Боиси ифтихор аст, ки пойтахти кишварамон – Душанбешаҳр дар ҷаҳон дар радифи даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф гардид.

Яъне бо ифтихор ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ метавон гуфт, ки Душанбе шаҳри ободу озодагон, шаҳри гулҳову шаҳри боғҳост.

Бо ибтикори бевоситаи Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва инчунин дастгирии роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе боғҳои замонавии фарҳангию фароғатии "Боғи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ", "Куруши Кабир", "Аҳмади Дониш", "Алишер Навоӣ", "Парчами давлатӣ", "Нишони давлатӣ", "Ҷавонон", "Наврӯзгоҳ", "Хайём", "Восеъ" бо дастур ва роҳнамоиҳои созандаи роҳбарияти олии кишвар таъсис ёфта, боғҳои фарҳангию фароғатии "Садриддин Айнӣ", "Абулқосим Фирдавсӣ", "Ирам", "Кӯли ҷавонон", "Боғи кӯдакон", "Ғалаба", гулгашти бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва дигар гулгашту хиёбонҳо баъди азнавсозӣ, таъмир ва таҷдиди куллӣ барои сокинону меҳмонони шаҳри Душанбе мавриди истифода қарор дода шудаанд.







Дар арафаи ҷашни 31 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, боғи "Истиқлол бо майдони Маҷмааи меъмории рамзи "Истиқлол ва Озодӣ" дар масоҳати 30 гектар сохта ба истифода дода шуд, ки 2,7 гектарашро майдони баргузории чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ ташкил медиҳад. Бо ифтихор метавон гуфт, ки ин ҳама дастовардҳои беназири давронӣ соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамон ба ҳисоб рафта, ҳар як сокини пойтахтро водор месозад, ки пайи ободию шукуфоӣ ва сарсабзию хуррамгардонии ин шаҳри афсонавӣ кӯшишу ғайрат ба харҷ диҳанд.

**Р. МАСЪУД**





# ХИЗМАТ ДАР САФИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ШАРАФ АСТ



24-уми апрели соли 2023 саҳни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон намуди идона дошт. Омӯзгорон, намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ, комиссарияти ҳарбии ноҳия ва падару модарони хатмкардагони донишгоҳ, ки хоҳиши ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар гардиданро доштанд, бо табъи хуш



ва ифтихор аз шогирдону фарзандони воқеан ҳам ватандӯсти хеш ба тантанаи гусели наваскарон омадагӣ медиданд.

... Дар толори донишгоҳ бо иштироки муовини аввали раиси ноҳияи Фирдавсӣ Аловиддинзода Шодимурод, сардори шуъбаи даъват ва тайёрии даъват ба хизмати ҳарбии ҳамин ноҳия, полковник Абдусалом Раҳимов, сардори шуъбаи чоруми комиссарияти ҳарбии ноҳия Муҳаммаднабӣ Розиқов, роҳбарияти донишгоҳ ва падару модарони хатмкардагони донишгоҳ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур зимни суханронӣ қайд намуд, ки хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзи шаҳрвандии ҳар як ҷавонписар ба ҳисоб рафта, ҷавонони бонангу номус онро шарафу ифтихор дониста, қарзи фарзандии хешро дар назди халқу Ватан бо сарбаландӣ ба ҷо меоранд. Ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат шомил гардидани хатмкардагони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон далели ин гуфтаҳо мебошад. Боварӣ дорам, ки хатмкардагони донишгоҳ, ки рисолаҳои бакалавриро бомуваффақият ҳимоя карданд, хизмати модар- ватанро низ содиқонаю софдилона ва сарбаландона ба ҷо оварда, баъди адои хизмат таҳсилро дар зинаи магистратура идома медиҳанд.

Илҳом Темур дар хотимаи суханаш ба омӯзгорон ва падару модарони наваскарон, ки дар таълиму тарбияи фарзандон, аз ҷумла дар рӯҳияи ватандӯстию худшиносии



миллӣ тарбия намудани онҳо, ба ҷо овардани эҳтироми калонсолон ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию умумибашарӣ саҳми арзанда гузоштанд, изҳори сипос намуд.

Аловиддинзода Шодимурод аз номи раиси ноҳияи Фирдавсӣ Гуреззода



Умед ба омӯзгорони донишгоҳ ва волидайни наваскарон барои таълиму тарбияи намунавӣ ва ҳисси баланди ватандӯстии онҳо миннатдорӣ баён карда, иброз дошт, ки маҳз ба шарофати сарбозону афсарони маълумоти олидошта сифати хизмати ҳарбӣ дар қисмҳои ҳарбӣ рӯз то рӯз хубтару беҳтар гардида истодааст. Ӯ аз хусуси сол то сол афзудани ихтиёриён ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ, алалхусус хатмкардагони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карда, пешниҳод намуд, ки дар донишгоҳ лавҳаи фахрӣ ташкил карда, аксҳои наваскарон дар он гузошта шавад.

Пешниҳоди Аловиддинзода Шодимурод аз ҷониби раёсати донишгоҳ пазируфта шуд ва қайд гардид, ки чун анъана раёсати донишгоҳ дар рӯзи савгандёдкунии наваскарон дипломҳои хатми донишгоҳро ба онҳо месупоранд.

Дар идомаи ҷамъомад ба наваскарон тасдиқномаи хатми донишгоҳ, шаҳодатномаи ронандагӣ, сипосномаи ректори донишгоҳ ба волидайн ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Сипас дар саҳни донишгоҳ дар фазои тантанавӣ зери садои хуши нағора ва сурнайю карнай базми гусели наваскарон сурат гирифт. Дуои неки падару модарон, ки анҷомбахши тантанаи гусели сарбозони Ватан буд, ба онҳо рӯҳу илҳоми тоза бахшид.



**Н. ҲУСЕНОВ,**
**Ҳ . НАСПАРОВ,**
**Ш. РАҶАБАЛӢ**

# РУШДИ ИЛМҲОИ ТАБИИЮ РИЁЗӢ- ОМИЛИ АСОСИИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА

Мусаллам аст, ки мухаррики асосии пешрафти иҷтимоиро илм ташкил медиҳад. Он имкон фароҳам овардааст то зиндагии инсонҳо беҳбуд пайдо намояд, умри инсоният дароз карда шавад ва анвои гуногуни давою доруворӣ истеҳсол гардида, ҷиҳати рафъи бемориҳои гуногун чора андешида шавад. Дастовардҳои он кумак намудааст, то пойгоҳи илмиеро ҷиҳати қонеъ намудани талаботи гуногуни моддӣ, аз ҷумла хӯрокаву пӯшока ва манзил, инчунин таъмини энергетикиро бо роҳҳои хубтару беҳтар баровард намоем. Илм тавонистааст зиндагии инсониятро боз ҳам пурмаъно ва пурбуранг созад ва тавассути он анвои гуногуни фановариҳо ва пойгоҳҳои тафреҳие бунёд гардидаанд, ки инсонҳо ба воситаи онҳо боз ҳам сатҳу сифати зиндагии хешро хубтару беҳтар намудаанд. Имрӯз метавон гуфт, ки илм ҳам қонеъкунандаи талаботи моддӣ, маънавӣ пешбарандаи иқтисоди ҷомеаҳо ва қудрату амнияти давлатҳо ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҳеҷ як кишвар ва ё давлати пешрафтаеро нametавон тасаввур кард, ки бе такя намудан ба илм ва дастовардҳои илмӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳе пайдо намояд. Ҳоло тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии инсонӣ бо як шохаи илм марбутанд, ки ҷиҳати ҳалли мушкилоти ин самт аз дастовардҳои ҳамин навъи илм кор гирифта мешавад.

Бо назардошти аҳамияти хоса доштани илм ва махсусан дар заминаи илмҳои табиию риёзӣ ба миён омадани техника ва технология, ки асосу бунёди истеҳсолии ҷомеаҳоро ташкил медиҳад, ҷиҳати расидан ба ҳадафи стратегии чорум "Саноатикунонии босуръати кишвар" Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии мамлакат (декабри соли 2019) солҳои 2020–2040-ро "20-солаи рушди илмҳои табиию риёзӣ" эълон намуданд. Ҳадафи асосии ин иқдом боло бурдани тафаккури техникиву технологии ҷомеа буда, рушди улуми табиию риёзӣ, ки асосу бунёди техникаву технологияро ташкил медиҳад, дар давоми ин 20 - сола имкон фароҳам меоварад, то як насли наве мусаллат бо донишҳои табиию риёзӣ тарбият ёбад ва дар ин замина рушди техникаву технология ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси ба замони муосир ҷавобгӯ ба миён ояд.

Мусаллам аст, ки саноатикунонии босуръат бидуни мутахассисони баландихтисоси самтҳои техникиву технологӣ ғайриимкон аст. Аз тарафи дигар, рушди улуми риёзию табиӣ ҷиҳати боло рафтани ихтироот, созандагӣ ва ба миён овардани фановариҳои нав мусоидат менамояд. Зеро агар ба таърихи рушди кишварҳои пешрафта назар андозем метавон ба чунин натиҷае расид, ки пешрафтҳои улуми табиию риёзӣ ва дарку фаҳми илмию қонунманди табиат сабаби ҷаҳиши бузурге дар пешрафти ин кишварҳо гардидааст.

Ҷаҳони имрӯзаро бидуни илм ва фаровардаҳои илм тасаввур кардан ғайриимкон аст. Имрӯз илм ба ҳайси пешбарандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии инсон таъсиргузор аст. Дар ибтидои асри 21 донишмандони соҳоти илм зиёда аз панҷоҳ миллион нафарро ташкил медиҳанд. Имрӯз илм дар худ зиёда аз 15 ҳазор равияи илмиро (фанни омӯзиширо) дар бар мегирад, ки бо садҳо ҳазор ба маҷаллаҳои илмӣ интишор меёбад. Асри имрӯз асри илми навин аст. Замони кашфи манобеи нави энергия ва технологияи иттилоотӣ аст. Имрӯз илм таҳлили ҳамаҷонибаи соҳоти мухталифро дар бар гирифта, барои омӯзиши он на танҳо илмшиносӣ (наукометрия), фалсафаи илм инчунин сотсиология, психология ва таърих машғуланд. Илм имрӯз баровардакунандаи ниёзҳои ҷомеаи башарист ва асоси иқтисоди ҳар ҷомеаро пешрафтҳои илмӣ ва фановариҳои навини илмӣ ташкил медиҳанд. Иқтисоди имрӯзаи ҷаҳон иқтисоди инноватсионӣ буда, асоси онро неруи зеҳнии инсонӣ ва дастовардҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Агар дар гузашта иқтисод бар пояи истеҳсолот ва захираҳои табиӣ ҳамбастагӣ дошт дар ҷаҳони имрӯз танҳо давлате пешрафта ба ҳисоб меравад, ки дар он илм ва фановариҳои илмӣ рушд карда бошанд.

Хулоса, эълон гардидани 20 - солаи рушди улуми табиию риёзӣ имкон фароҳам меорад, ки дар давоми 20 - соли ояндa пойгоҳҳои қавии улуми табиию риёзӣ дар кишвар ба вуҷуд омада, тафаккури математикӣ ва техникию технологии ҷомеа боз ҳам ба дараҷае болотар рушд намояд ва дар ин замина насли нави дорои тафаккури табиию риёзӣ тарбият ёфта, бо донишҳои баланди муосири ин улум мусаллат шавад. Аз тарафи дигар, зина ба зина ва пай дар пай бо барномарезии пайвастае, ки яке дигареро комилтар мегардонад, метавонем ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар, яъне саноатикунонии босуръат даст ёбем. Мамлакатро аз кишвари истеъмолӣ ба кишвари истеҳсолӣ табдил диҳем. Онро аз кишвари содиркунандаи ашёи хом ба як кишвари саноатие, ки истеҳсолот то ҳадди ниҳоӣ ба роҳ монда мешавад, табдил диҳем.

Рушди тафаккури риёзию техникӣ ва татбиқи дастовардҳои ин улум дар истеҳсолот метавонад иқтисоди ҷомеаи моро рақобатпазир гардонад ва боиси афзудани даромадҳои аҳолӣ гардида, масоили иҷтимоӣ ва маънавиро низ ҳал намояд. Зеро ҳар қадар тафаккури илмии ҷомеа дар сатҳи болотар қарор бигирад, ҳамон қадар дар ҷомеа таассубу хурофот камтар гардида, мушкили иҷтимоӣ камтар мешавад ва афкори таҳрибгар дар байни аъзои ҷомеа паст шуда, баръакс эҳсоси созандагиву бунёдкорӣ боло мегирад. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ ба қавӣ шудани пайкараи иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки он миллату давлатро қавӣ гардонида, сабаби ҷойгоҳи болотарро касб кардани миллат дар сатҳи ҷаҳонӣ мешавад. Ба ибораи дигар, ҷаҳони имрӯз ҷаҳони илм ва донишҳои илмӣ аст ва дар гирдори сиёсию иқтисодӣ танҳо миллату давлатҳои пешрафта ба ҳисоб меравaнд ва худро дифоъ менамоянд, ки дар онҳо илм рушд карда бошад.

**И.ШАРИФЗОДА,**
**н.и.фалсафа, и.в.дотсент,**
**мудири кафедраи фанҳои гуманитарии ДТТ**

# ТАЪСИРИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ БА РУШДИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

Бо афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон ва сафарбаркунии захираҳо, иқтисоди рақамӣ бо тиҷорати электронииву хизматрасониҳои электронӣ ба ҷабҳаҳои муҳими зиндагӣ, аз қабили тандурустӣ, маориф, бонк ва ғайраҳо таъсири мусбии худро мерасонад.

Рушди босуръати соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва навсозии унсурҳои таркибии он яке аз самтҳои асосии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба шумор рафта, ҳамеша дар меҳвари таваҷҷӯҳи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорад. Масоили тақвият бахшидани иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир ба рушди бозори хизматрасониҳои электронӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Бо дарназардошти аҳамиятнокии ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як паёми худ доир ба масъалаи мазкур таъкид менамоянд, ки "Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани "ҳукумати электронӣ" ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд". Дар ин ҳошия қайд кардан бамаврид аст, ки татбиқи технологияҳои муосир, яъне ба роҳ мондани «фаъолияти иқтисодиёти электронӣ тавассути Интернет» дар речаи вақти воқеӣ ва пурра автоматикунонии соҳаҳо, ба рушди мусбати бозори хизматрасониҳои электронӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои дар амал пиёда намудани ин равандҳо бояд ба ташаккулёбии шаклҳои нави фаъолияти иқтисодиёти электронӣ такя намуд. Мушкилии асосӣ дар самти ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронӣ пеш аз ҳама дар татбиқи технологияи пуриктидор, сохтани пойгоҳи додаҳо ва шабакаҳое мушоҳида мегардад, ки дорои қобилияти дастрасии пурра ба намудҳои гуногуни хизматрасонӣ мебошанд. Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ташкил намудани пардохтҳои электронӣ барои иштирокчиёни он, хусусан пешниҳодкунандагони маҳсулот, аз нигоҳи иқтисодӣ зарур арзёбӣ мегардад.

Дар иқтисодиёти рақамӣ коркарди натиҷаи таҳлили маълумоти иқтисодӣ дар муқоиса бо шакли анъанавии фаъолияти хоҷагидорӣ воқеан ба куллӣ фарқ дошта, барои баланд бардоштани сифати истеҳсолот, технология, нигоҳдорӣ, фурӯш, дастрасӣ ба молу хизматрасониҳо аз технологияҳои рақамӣ васеъ истифода мегардад.

Аз рӯйи нишондоди Чистякова О.В., Бабкин А.В. ҷузъи муҳими иқтисоди рақамиро - тиҷорати электронӣ, бонкдории электронӣ, пардохтҳои электронӣ, Интернет-таблиғ ва Интернет-контент ташкил медиҳад. Ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолӣ коҳиш ёфта, самаранокии меҳнат афзоиш ёбад ва ҳамзамон дараҷаи талаботи беинтиҳои ҷамъиятӣ қонеъ гардонида шавад. Иқтисоди рақамӣ муҳаррики муҳими навовариҳо дар самти таъмини рақобатнокии комил дар корхонаҳо ва дигар ташкилотҳо буда, навовариҳои технологӣ бошанд, дар шароити муосир ба вуҷуд омадани соҳаҳои рақамиро имкон медиҳанд, ки барои васеъ гардонидани доираи фаъолияти дилхоҳ иштирокчии муносибати иқтисодӣ самарабахш мебошанд.

А.В. Бабкин дар чунин ақида аст, ки «оғози асри XXI боиси бавуҷудоӣ ва рушди технологияи рақамӣ, инқилоби иттилоотӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ гардид. Муҳимтар аз ҳама, иттилоот дар ин давра ба сифати унсури хоҷагидорӣ ва захираи иқтисодӣ пазируфта шуд. Ҳаёти инсоният дигаргун шуда, муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ марҳила ба марҳила ба олами маҷозӣ ворид гардидаанд».

Нишондиҳандаи дастрасии аҳолӣ ба шабакаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар доираи рақамикунонии равандҳо технологияи Интернетӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосӣ баромад намуда, нақши муҳимро мебозад. Чунончӣ, технологияи Интернетӣ маҷмуи экосистемаи иқтисодиро ташкил намуда, тағйирёбии рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллиро ба вуҷуд меорад.

Яке аз навъҳои муосир ва паҳнгаштатарини фаъолияти тиҷоратӣ, яъне тиҷорати электронӣ низ тавассути шабакаи Интернет сурат гирифта, хизматрасонии Интернетӣ имрӯз ба як ҷузъи ҷудонашаванда ва муқаррарии ҳаёт ва фаъолияти инсон табдил ёфтааст. Дар баробари таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ, Интернет ҳамзамон таблиғи молу хизматрасониҳо ва огоҳӣ ёфтан аз рақобати бозориро имкон фароҳам менамояд. Масалан, ҳар як корхона метавонад молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи худро тариқи шабакаҳои глобалии Интернет муаррифии мизоҷон намуда, харидорӣ намудани ашёи хоми хушсифат, муқоисаи нархҳои бозорӣ ва ҳамчунин фурӯши молу маҳсулотро амалӣ намояд.

Доир ба истифодаи самаранокии шабакаи Интернет Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад. Ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 миллион расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд. Вале таъкид менамоям, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест. Аз ин лиҳоз, Ҳадамоти алоқа вазифадор аст, ки якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд».

Имрӯз тиҷорати электронӣ як соҳаи фаъолиятеро ташкил мекунад, ки ба хариду фурӯши молҳо ва хидматҳо дар Интернет алоқаманд аст.

Тиҷорати электронӣ барои осон фаъолият намудани соҳибкорон як қатор мушкилотро аз байн мебарад, ба монанди сарфаи вақт, ба тарзи осон ва беҳатар пардохт кардани маблағ, муаррифӣ намудани молҳои худ бо тарзи содда ва ғайра.

Барои татбиқи тиҷорати электронӣ истифодабарандаро зарур аст, ки доир ба истифодаи самаранокии технологияҳои иттилоотӣ, хусусан таъминоти техникӣ, барномавӣ ва иттилоотиву ҳуқуқӣ дониши кофӣ дошта бошад, аз ҷумла доир ба сохтори бозори электронӣ, савдои электронӣ (e-trade), пули электронӣ (e-cash), маркетинги электронӣ (e-marketing), бонкдории электронӣ (e-banking), суғуртаи электронӣ (e-insurance).

Ҳамин тариқ, тадқиқи ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарафсозӣ ва пешгирии сар задани омилҳоеро тақозо менамояд, ки ба рушди тиҷорати электронӣ таъсир мерасонанд.

**Нусратзода Муҳаммадӣ Нусрат - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.**

**Сангинмурод БЕГМУРОДОВ, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

# САМТҲОИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Аз нигоҳи илми иқтисодӣ, мафҳуми сайёҳӣ ин низоми васеи иқтисодӣ бо рангорангии робитаҳои байниҳамдигарӣ дар чорчӯбаи хоҷагии халқи кишвари ҷудогона баҳо дода мешавад. Бо ибораи дигар гӯем, вожаи сайёҳӣ таъминкунанда ва пайвандгари иқтисоди миллӣ бо хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, бо фаъолиятҳои иқтисодии хеш истифода аз захираҳои туристӣ ва хизматрасонӣ маҳсули худ ва хадамоти ташкилотҳои гуногунро пешниҳод менамояд.

Бо ибораи дигар ҳоло сайёҳии байналмилалӣ ва дохилӣ яке аз соҳаҳои пуриқтидори хизматрасонии савдо ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, сайёҳии муосирро як тиҷорати компютерии ҷаҳонӣ гуфтан мумкин аст. Ба ин тиҷорат ширкатҳои бузурги ҳавопаймоӣ, маҷмуи меҳмонхонаҳо ва ширкатҳои сайёҳӣ дар саросари ҷаҳонро дар бар мегиранд.

Имрӯз мавзӯи сайёҳӣ на танҳо дорои моҳияти минтақавию ҷумҳуриявӣ, балки дорои моҳияти байналмилалӣ мебошад. Ҳамчунин, ҷиҳатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва экологии сайёҳӣ ба касе пӯшида нест.

Маҳз ба ҳамин хотир, соли 2018 аз ҷониби Пешвои муаззами миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид, ки ба рушд ва тараққиёти ҳамаҷонибаи ин соҳаи ояндадор дар мамлакат заминаҳои воқеии ҳуқуқиву бунёдиро гузошт.

Воқеан ҳам аз ҷониби Пешвои муаззами миллат эълон гардидани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва баъдан эълон гаштани солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» сариваќтӣ буд, зеро аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ хуб арзёбӣ гардида, дар радифи ин ташаббуси фарогир Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ бо мақсади муаррифии фарҳанги асил, ҳунарҳои маҳаллӣ, урфу одат ва анъанаҳои мардумии кишварҳои узви созмон мавзӯи Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ барои соли 2020 — соли рушди сайёҳӣ ва минтақаҳои деҳотро эълон дошт.

Мавриди тазаккур аст, мавҷудияти ёдгориҳои таърихию меъморӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон соҳаи сайёҳиро инкишоф дода, дар ғанӣ гардонидани буҷаи давлат ва беҳтар намудани некуаҳволии мардуми кишвар саҳми худро гузорем. Мақсади асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ таъмини шароити мусоиди ҳуқуқӣ барои ташкили самарабахши субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки имкониятро барои қонеъгардонии талаботи шаҳрвандони дохилӣ ва хориҷӣ ба хизматрасонии гуногун ва сифатнокии соҳа таъмин менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи беҳамтои осори таърихӣ-фарҳангӣ, бостонӣ – шаҳрсозӣ, робитаҳои қавии иқтисодӣ- тиҷоратии мардуми кишварро инъикос менамояд. Барои ишғол намудани мақоми хосаи худ дар системаи байналхалқии туристӣ, Тоҷикистон бояд ҳар чӣ бештар бобати ҷалб намудани сайёҳон ва пешкаш кардани ҷойҳои зебоманзар, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва баланд бардоштани малакаи мутахассисони соҳаи туризмро ба роҳ монад.

Айни ҳол бахши сайёҳии кишвар дар ҳоли рушди босубот қарор дорад ва рушди сайёҳӣ сабаби эҳё ва ташаккули ҳунарҳои мардумӣ, фаъолгардии тавозуни берунисавдоӣ, рушди инфрасохтори иқтисоди миллӣ, болоравии дараҷаи даромаднокӣ, пастшавии шиддати бекорӣ, рушди деҳот, ташаккули комплексҳои миллии сайёҳӣ, пайдоиши самтҳо ва хатсайрҳои нави сайёҳӣ, ташкил кардани марказҳои нави дилхушию фароғатӣ, ташаккули инфрасохтори меҳмонхонаҳо, ташаккулёбии фарҳанги экологии шаҳрвандон, гуногунҷабҳагардии иқтисодиёт ва ғайра мегардад.

Дар ин ҷода бе мавҷудияти интернет фаъолияти соҳаи сайёҳиро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Интернет қариб дар ҳама равандҳои асосӣ, тиҷорати дохилӣ, агентии сайёҳӣ истифода мешавад, аз ҷустуҷӯ ва ҷалби муштариён, ҳамчун воситаи муошират ва маркетинг ва то ташаккули маҳсулоти туристӣ, миқдори зиёди иттилооти зарурирο барои кори агентҳои сайёҳӣ - аз суроғаи меҳмонхонаҳо ва ҷадвали парвозҳо то қоидаҳои раводид ва гумрукӣ ва пешниҳодҳои таъминкунандагони сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ аз он маълумоти номаҳдуди ҳаҷм - аз нархномаҳо то тамоми каталогҳоро пешкаш мекунад. Иттилоот дар Интернет барои корбарони агентӣ ё муштариён 24 соат дар як рӯз, 7 рӯз дар як ҳафта дастрас аст.

Истифодаи интернет дар соҳаи сайёҳӣ дигар имкониятҳоро низ дар бар мегирад.

✓ Дастрасӣ ба истифодаи системаҳои муосири алоқа, аз ҷумла почтаи электронӣ, телефони рақамӣ ва ғайра, ки хароҷоти корхонаҳои туристиро барои гуфтушунид, мукотибаи корӣ ва ғайра хеле кам мекунад.

✓ Қобилияти эҷод ва бомуваффақият истифода бурдани системаҳои дохилии корпоративӣ барои брон кардани саёҳатҳо тавассути Интернет. Агентҳои сайёҳӣ аз базаи саёҳатҳои дар Интернет ҷойгиршуда яке аз пешниҳодҳоро интихоб намуда, тафсилоти онҳо, маълумот дар бораи сайёҳоне, ки ба базаи дохилии туроператор дохил мешаванд, ворид мекунад. Система ба таври автоматӣ тағйироти нархҳои бастаҳои сайёҳиро дар вақти асосӣ аз нав ҳисоб карда, ҷойгиркунии ғайристандарти талаботро ба назар мегирад. Ҳамзамон, агентӣ метавонад марҳилаҳои фармоишро дар вақти воқеӣ пайгирӣ намуда, баҳодиҳии ҷойгиршавии меҳмонхона, парвозҳо ва ғайраро арзёбӣ кунад.

✓ Гирифтани маълумотҳои гуногун, аз ҷумла барои кишварҳо, тарифҳо, нархҳо, пешгӯии обу ҳаво дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон, ки дар вақти воқеӣ ба ташаккули маҳсулоти сайёҳии баландсифат мусоидат мекунад.

✓ Дастрасӣ ба системаҳои глобалӣ, бронкунӣ ва захиракунӣ.

✓ Имконияти таъсиси роҳҳои нави маркетингӣ барои пешбурди хидматрасонии сайёҳӣ, аз ҷумла таъсиси Web - сайтҳои шахсии ширкатҳо, ки ба кормандон имкониятҳои васеъ медиҳад, ба монанди дарёфти маълумотҳо дар бораи шароити фароғат, нархҳо, хидматҳои пешниҳодшуда, инчунин маълумоти муфассал дар бораи ташкили саёҳат ва инчунин, саҳифаҳои баррасии сайёҳӣ, форумҳо (онлайн конференсияҳо), офисҳои сайёҳии виртуалӣ, тиҷорати электронӣ ва ғайра.

✓ Татбиқи технологияҳои мултимедиявии онлайнӣ, аз ҷумла, маълумотномаҳо ва рӯйхатҳо. Мултимедиа - ин технологияи интерративие мебошад, ки кор бо видео, аниматсия, матн ва садоро таъмин мекунад. Айни замон, дар интернет роҳнамо ва рӯйхатҳои сайёҳӣ ҷойгир карда шудаанд. Рӯйхатҳои электронӣ имкон медиҳанд, ки аз рӯи хатсайрҳои пешниҳодшудаи маҷозӣ саёҳат карда, ин хатсайрҳоро дар ҳолати фаъол тамошо кунед ва маълумотҳои муфидро дар бораи кишвар, объектҳои дар хатсайр ҷойгиршуда, меҳмонхонаҳо, лагерҳо ва дигар иншооти ҷойгиронӣ соҳиб гашта бо низоми имтиёзҳо, тахфифҳо ва бо қонунгузориҳои соҳаи сайёҳӣ шинос шавед. Илова бар ин, ин рӯйхатҳо одатан маълумотро дар бораи қоидаҳои додани ҳуҷҷатҳои сайёҳӣ, расмиятҳои сайёҳӣ, моделҳои рафтори сайёҳӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва ғайраро пешниҳод мекунанд. Мизоҷ метавонад, барномаи саёҳатро худаш ба нақша гирад, онро мувофиқи шароитҳои муносиби додашуда (нарх, системаи имтиёзҳо, системаи нақлиёт, мавсим ва ғайра) интихоб кунад. Ҳангоми истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ ба муштарии эҳтимолӣ сари вақт маълумот дар бораи ҳар як саёҳате, ки мавриди таваҷҷуҳи ӯ дода мешавад ва ба ин васила имкон медиҳад, ки маҳсулоти сайёҳии мувофиқро зуд ва дақиқ интихоб кунад. Технологияҳои мултимедиявӣ дар соҳаи таблиғотӣ технологияҳои PROMO ва PR самаранок истифода мешаванд.

✓ Рушди босуръати интернет дар тағйири муносибати ширкатҳои сайёҳӣ ба таблиғ низ хеле муҳим аст. Масалан, баъзе ширкатҳои сайёҳӣ ба кам кардани ҳаҷми таблиғоти нашри рӯзномаҳо шурӯъ намуда, ба ҷойгиркунии таблиғоти худ дар интернет бартарӣ медиҳанд. Ҳоло таблиғоти калон дар рӯзномаҳо бо таблиғоти хурд ва бо нишон додани суроғаи саҳифаи ширкат ба воситаи иттилоот дар интернет иваз мешавад. Интернет имкон медиҳад, ки ширкатҳои таблиғотӣ - оммавиро бо хароҷоти миёна гузаронанд. Агар маълумоти тиҷоратӣ дар як нашрияи машҳури электронӣ ҷойгир карда шавад, он ба тамоми шаҳрвандони ҷаҳон бо муддатҳои тӯлонӣ дастрас хоҳад буд. Бартарии интернет дар ин аст, ки бо пардохти ночиз метавонед, маълумоти васеътаринро дар бораи ширкат, маҳсулот ва хидматҳои он, шароити кор бо мизоҷон ва ғайра нашр кунед.

Дар пайи дастгириҳо ва имтиёзҳои пешбининамудаи Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳавасмандии бахши хусусӣ барои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ зиёд гардида, дар ин давра аз ҷониби Комиссияи иҷозатномадиҳии фаъолияти сайёҳии Кумитаи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд маротиба ҷаласаи ниҳоди мазкур доир гардида, бо ризоияти он ба зиёда аз 44 ширкати сайёҳӣ иҷозатномаи фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ дода шудааст.

Бо мақсади татбиқи босамари сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ "Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020" бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2018, №80 тасдиқ гардид. Бояд тазаккур дод, ки дар доираи барномаи мазкур ба ҳалли масъалаҳои такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, соддагардонии расмиёти дастрасии иҷозатнома барои оғози фаъолияти сайёҳӣ, ба роҳ мондани муколама ва шарикии давлату бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва ҳамкориҳои самарабахш бо ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва дигар мақомоти ба фаъолияти сайёҳӣ ва сайёҳон алоқаманд, тақвият бахшидан ба фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ, коркард ва интишори маводи иттилоотӣ ва тарғибу ташвиқи он, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, сохтмони иншооти сайёҳӣ, аз ҷумла инфрасохтори сарироҳӣ, инчунин тарбияи мутахассисон барои соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ диққати зарурӣ дода шудааст.

Аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар таҳрири нав таҳия гардида, айни замон дар мувофиқаи ниҳоии вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад.

Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобиланд судманд байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ба тасвиб расид. Байни Кумитаи рушди сайёҳӣ ва Ширкати миллии «Қазахтуризм»-и Ҷумҳурии Қазоқистон Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба имзо расонида шуд.

Лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ таҳия гардида, тибқи тартиби муқаррargardida ба ҷониби Федератсияи Россия ирсол гардидааст.

Лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Исроил ва Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи рушди сайёҳӣ ва Кумитаи сайёҳии Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ таҳия гардида, дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад.

Ҳамин тавр, ҳамкориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо дар ташаккули муносибатҳои бозори сайёҳӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок, рушдкунанда, ҳатто унсури дигари даромади миллии мамлакат ҳисобида мешавад. Инчунин, рушди сайёҳӣ имконият медиҳад, ки равобити тиҷоратӣ ташаккул ёфта имкониятҳои ҷойдоштаи миллии кишварҳо дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ карда шаванд.

**И. МАҲМАДҶОНОВ,**
**У. РИЗВОНОВА.**

# ОЗМУНИ “БЕҲТАРИН МУСАВВИРИ ПИРЯХҲО, ШАРШАРАҲО, ДАРЁҲО ВА ВИДЕОРОЛИКҲОИ ТАРҒИБОТӢ АЗ ТАБИАТИ ЗЕБОИ ТОҶИКИСТОН”

**Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пазируфтани пешниҳоди панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва санаи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо Озмуни “Беҳтарин мусаввири пиряхҳо, шаршараҳо, дарёҳо ва видеороликҳои тарғиботӣ аз табиати зебои Тоҷикистон” гузаронида шуд.**

Барои шаффоф ва дар сатҳи баланд доир намудани озмун комиссия дар ҳайати зерин таъсис дода шуд:

Абдумуминзода Ситора, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **(раиси комиссия);**

Ҳомидова Наргис Абдуқудусовна, раиси иттифоқи рассомони Ҷумҳурии Тоҷикистон **(муовини раиси комиссия);**

Раҷабова Рухшона Абдулҳаевна, мудири кафедраи фанҳои тахассусии Коллеҷи рассомии Ҷумҳурии Тоҷикистон **(муовини раиси комиссия).**

**Аъзои комиссия:**

Эшонов М. – мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши ДТТ;

Шоҳзода Н. – мудири бахши кор бо занон ва духтарони донишгоҳ;

Соҳибназаров М. – мудири кафедраи дизайни либос ва санъати муд;

Ҳусейнов Н. – мудири шуъбаи корҳои тарбиявии донишгоҳ;

Шернаев Д. – мудири сектори барномаҳои телевизионӣ – таълимии “Маърифат”- и ДТТ.






Рӯзи 8-уми апрел даври дохилидонишгоҳии озмун бо иштироки омӯзгорону мутахассисони соҳа ҷамъбаст гардида, ғолибон муайян ва ба даври ниҳоии озмун пешниҳод карда шуданд.

Аз рӯи номинатсияи рассомӣ ғолиби **ҷойи якум** донишҷӯи курси 2 – юми факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ Сангинбой Шарифов, **ҷойи дуюм** донишҷӯи курси 1 – уми факултети технология ва дизайн Меҳрангез Усмонова ва **ҷойи сеюм** донишҷӯи курси 2 – юми факултети технология ва дизайн Азиза Норбоева дониста шуданд.

Дар номинатсияи беҳтарин видеоролики тарғиботӣ бошад, ҷойи якумро донишҷӯи курси 1 – уми факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ Furthermore Бобоҷон Шерханов, ҷойи дуюм донишҷӯи курси 1 – уми факултети муҳандисӣ- технологӣ Садоншоҳ Садоншоев ва ҷойи сеюмро донишҷӯёни курси 2 – юми факултети иқтисодиёт ва молия Муҳаммадҷон Давлатов ва Ғаниҷон Нурмаҳмадзод ишғол намуданд.

**Л. Набиев, мудири шуъбаи тарғиботию фарҳангӣ,**
**М. Эшонов, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши ДТТ**

## ДАЛЕЛҲОИ ҶОЛИБ

### АБУРАЙҲОН БЕРУНӢ КАШШОФИ КУРАШАКЛИИ ЗАМИН

Абурайҳон Берунӣ аввалин шахсе буд, ки курашакл будани Заминро собит намуд ва эҳтимолияти дар атрофи меҳвари худ ва дар гирди Офтоб давр задани Заминро пеш гузошт.



Ҳамзамон, Берунӣ бо дониши фаровони хеш қитъаи Амрикоро дар шакли имрӯзааш муайян кард, дертар Христофор Колумб онро кашф намуд. Маҳз ба Берунӣ муяссар гардид, ки комёбиҳои илми математикаи Юнон ва Ҳиндустонро бо ҳам пайвандад. Системаи ҳисоби даҳиро ҷорӣ кунад ва ба ҳалли баъзе масъалаҳои муҳими алҷабр ва мусалласот муваффақ шавад.

Аз рӯи таълимот ва кашфиётҳои Берунӣ олимони зиёде, амсоли Каперник, Галилей, Кеплер, Нютон, Ломоносов ва дигарон дар корҳои тадкиқотиашон фоида burданд.

**Таҳияи Шаҳноза Сабурова**

### ШОҲ ВА ДӮСТИ Ӯ



Юлий Сезар дар тӯли зиндагӣ танҳо ягона дӯст ва нафари боэътимод дошт, ки ин табиби ӯ буд. Ҳангоми бемор шуданаш танҳо аз дасти ӯ дору истеъмол мекард.

Рӯзе Сезар худро бад ҳис намуд ва дар ин ҳолат ба дасташ мактуби номаълум бо чунин навиштаҷот расид: “Аз дӯсти наздик, табибат битарс, чун қасд ба ҷони туро дорад”.

Пас аз муддате табиб барои овардани дору омад. Ҳукмфармо мактубро ба дасти дӯсташ дод, то бихонад ва худ ба истеъмоли гиёҳҳои овардаи табиб машғул шуд. Табиб шах шуд: “Шоҳам, чаро шумо баъд аз хондани ин нома доруи овардаи маро истеъмол кардед?

Сезар дар ҷавоб гуфт: “Мурдан беҳтар аз он аст, ки ба дӯст шак намоӣ!”.

**Таҳияи Латифабону Рустамзода**

**Шахсиятҳое, ки оламро дигар карданд**

### САЙМОН БОЛИВАР

Боливар пешвои барҷастаи низомӣ ва сиёсии Венесуэла буд, ки дар озод кардани 6 кишвари Амрикои Ҷанубӣ ва Марказӣ- Венесуэла, Боливия



Колумбия, Эквадор, Перу ва Панама аз асорати испаниҳо нақши асосӣ дорад.

Ӯ бо номи Озодкунанда низ маъруф аст. Дар оилаи сарватманд таваллуд шудааст, аммо қисми зиёди ҳаёти худро ба мубориза барои истиқлоли мустамликаҳои Испания дар қитъаи Амрико бахшидааст. Кишвари Боливия ба номи ин қаҳрамон ва мубориз роҳи озодӣ номгузорӣ шудааст.

**Таҳияи Комрон Сафар**

### ИНТИХОБЕ, КИ БА КИТОБИ РЕКОРДҲОИ ГИННЕС ВОРИД ШУД

Президенти Либерия Чарлз Кинг соли 1927 барои ноадолатии бесобиқа дар таърих вориди Китоби рекордҳои Гиннес шуд. Вай дар кишваре, ки ҳамагӣ 15 ҳазор интихобкунанда дошт, соҳиби 234 ҳазор овоз шуд.

### ЧАНД НУКТА АЗ ҚОНУНИ ЗЕҲН

-Мағзи сари инсон 8 моҳ вақт мехоҳад, то касеро бахшад.

-Мардум шуморо 20 дарсад ҷаззобтар аз оне, ки ҳастед мебинанд.

-Касе, ки наметавонад гиря кунад, заиф аст. Чун гиря кардан қудрат мехоҳад.

-Касе, ки зуд асабонӣ мешавад, қалби меҳрубоне дорад, зеро бештар муҳаббат дидааст ва ба ҷузъиёти бисёр диққат мекунаду бо камтар ноҳамоҳангӣ ба ҳам мерезад.

-Агар шабҳо байни соати 9 то 11 бихобеду субҳ байни соати 5 то 7 бедор шавед, кори зеҳнатон 40 дарсад бештар рушд мекунад.

-Беҳтарин чизҳо дар зиндагӣ замоне ба даст меоянд, ки дар бораашон умуман фикр намекунед.

**Таҳияи Нигина Раҳмон**

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касаба, ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони ДТТ ба сармутахассиси шуъбаи мониторинг Сайҳуна Хоҷаева нисбати даргузашти

**ПАДАРАШ**

аизҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касаба, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни ДТТ аз даргузашти профессори кафедраи иқтисодиёт ва идора

**МИРЗОБЕК ШОБЕКОВ**

андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Фановар

*Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.*

**САРМУҲАРРИР:** Раҷабалӣ ШАРИФОВ

**МУАССИС:** Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

**Нишонии мо:**
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

**Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.**

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1574 нусха*